*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 102 (4522) | ЧОРШАНБЕ, 17 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|





## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**17 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки ба вазифаҳои пурмасъули Вазорати корҳои дохилӣ таъин гардиданд, ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовинони вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ, сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ, сардорони шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои Восеъ, Сангвор, Мурғоб ва Варзоб аз ҳисоби кадрҳои соҳибтаҷрибаву тахассусманд таъин гардиданд.

Зимни мулоқот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз авзои минтақа ва ҷаҳон, таъмини волоияти қонун, мубориза бар зидди ҳама гуна қонуншиканиҳо, пешгирии қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ ёдовар шуда, таъкид намуданд, ки кадрҳои ҷавону болаёқат вобаста ба таҳдиду хатар, ҷиноятҳои замони муосир ва мубориза бо ҳама гуна зуҳуроти террористиву экстремистӣ бояд пайваста омӯзанд ва бо истифода аз технологияи муосир сатҳи дониши тахассусиашонро боз ҳам баланд бардоранд.

**www.president.tj**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 389, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон - Россия» озод намудани Хоҷазода Т. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хоҷазода Тоҳир Абдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 391, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи давлатии телевизиони «Илм ва табиат» озод намудани Исмоилзода З. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Исмоилзода Зинатуллоҳ Бурҳон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи давлатии телевизиони «Илм ва табиат» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 393, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Насимзода А. Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Насимзода Акбар Ғиёс муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 396, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон - Россия» таъин намудани Файзулло М. Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Файзулло Машраб Қурбоналӣ ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон - Россия» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 390, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» озод намудани Билолзода У. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Билолзода Умедҷон Ҳайдар аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 392, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Абдулло М. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдулло Маъруф Баҳрӣ аз вазифаи муовини сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 394, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Муборакқадамзода А. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Муборакқадамзода Абдураҳмон Назархон муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 17 августи соли 2022, № 397, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии телевизиони «Илм ва табиат» таъин намудани Шарифзода С. И.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Саймукарам Ислом директори Муассисаи давлатии телевизиони «Илм ва табиат» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ МУОСИРИ ТОҶИКОН

**Дар интиҳои асри XX Тоҷикистон дар ҳолате қарор дошт, ки душманони дохиливу хориҷӣ бо шеваи гургона ба пайкари он дандон тез мекарданд ва ҳалокаташро мехостанд.**

Давлати орому осударо омилҳои номатлуби тундравию ифротгароӣ фаро гирифт ва мавҷи он торафт шиддатнок ва харобиовар мегардид. Гурӯҳҳои табоҳкор ва бадандешу тирадил талош мекарданд, ки бо роҳи барангехтани низоъҳо, найрангҳои сиёсӣ ва бо мақсади бунёди давлати исломӣ Тоҷикистонро ба хоку хун кашанд. Пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе ба майдони тазоҳуроту гирдиҳамоиҳои беохир ва зӯроварию хунрезӣ табдил ёфт. Амалу рафтор ва кирдори майдондорон аз он шаҳодат медод, ки онҳо бар асоси нақшаҳои дар хориҷ аз кишвар тарҳрезигардида ҳаракат карда, нақшаҳои шумашонро бо роҳи зӯрӣ ба сари халқ бор кардан мехостанд. Вазъи сиёсиву амниятӣ дар пойтахт торафт хатарнок ва печидаву буҳронӣ мегашт. Кӯчаҳо аз мардум холӣ гардида, шомгоҳон пойтахт ба шаҳри мурда табдил ёфта, мардум аз ваҳму ҳарос аз манзилҳояшон берун намебаромаданд.

Моҷарои сиёсӣ рӯз то рӯз авҷ гирифта, хатари ҳамчун давлати мустақил аз миён рафтани Тоҷикистони нав ба истиқлолрасида, ба қисматҳо тақсим шудани он ва пароканда гардидани миллати тоҷик бештар ба назар мерасид. Мардуми кишвар бовариро ба ҳаёти имрӯзу оянда аз даст дода, бар асоси сиёсати тарҳрезишудаи душманон хонаву дарро тарк карда, ба кишварҳои дуру наздик фирор менамуданд. Парокандагиву бенавоӣ аксар манотиқи кишварро фаро гирифта буд. Заминҳои серҳосил бесоҳиб монданд, шаҳру ноҳияҳо, деҳаву хонаҳо аз одам холӣ гаштанд.

Давлати ободу хуррам ва миллати мутамаддинро ба вартаи фалокату нобудӣ кашиданд, сарзамини серу пур ва пурфайзу баракатро муҳтоҷу бенаво гардониданд. Қадри маҳсулоти озуқа, хусусан нон, аз нархи тилло баландтар гашт.

Дар чунин вазъи мураккабу тақдирсоз Тоҷикистон ба шахсе ниёз дошт, ки бо андешаву хиради баланд, бо матонату ақли солим ба арсаи сиёсат баромада, давлати фалаҷшударо аз нав эҳё намояд, халқу мамлакатро аз ҳалокат наҷот диҳад, ваҳдату якпорчагиро таъмин намояд, ба волоияти қонун кафолат диҳад, мардуми парешону роҳгумкардаро яктану муттаҳид созад.

Баҳри ба ин ҳадаф расидан ва ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишварро муътадил сохтан моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон доир гардид. Иҷлосияи мазкур фарзанди фарзонаи миллат, ҷавонмарди бедордилу шуҷоъ ва мубориз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвари давлати Тоҷикистон интихоб намуд, ки бо масъулияти баланди сиёсӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ваояндабинӣ вазифаашро сарбаландона ба ҷо оварданд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он замон дар назди халқу Ватан савганди вафодорӣ ёд карда, бо итминони комил изҳор доштанд, ки ба мардуми диёр сулҳ оварда, ба ҷанги бародаркушӣ хотима мебахшад, барои ба Ватан баргардонидани охирин фирорӣ талош меварзад. Бори аввал дар ҳамон иҷлосия ба хотири мусолиҳаи миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ қадамҳои нахустин гузоштанд.

Бо ин мақсад қумондонҳои ҳар ду ҷониби даргир дар як толор ҷамъ оварда шуданд ва ба хотири созиш оши оштӣ дода шуд. Зоҳиран тарафҳо якдигарро фаҳмиданд, фоҷиаи ба сари халқу Ватан омадаро дарк карданд. Аммо аз байн муддате гузашта буд, ки неруҳои мухолиф аҳду паймонро ба боди фаромӯшӣ дода, боз даст ба силоҳ бурданд ва оташи ҷанг даҳшатангезтар аланга зад.

Бояд қайд кард, ки ҳукумати қонунӣ таҳти раёсати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва неруҳои пешқадами ҷомеа ба хотири наҷоти халқу Ватан, якпорчагии кишвар ва пойдории сулҳу ваҳдат ба оини қадимиву безаволи ниёконамон - мадоро ва таҳаммулгароӣ рӯ оварданд, ки асрҳо боз дар фарҳангу тафаккури халқамон реша давонда буд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 24 августи соли 2022 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

2. Ба баррасии Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум масъалаҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

- тасдиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифа озод ва ба вазифа таъин намудани муовини якум ва муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон;
- интихоб ва бозхонди раисони кумитаҳо ва ворид намудани тағйирот ба ҳайати кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 421**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Толибзода Фирдавс Назримад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 422**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Накхатзода М. К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Накхатзода Моҳбону Кknown Киромиддин аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 423**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Толибзода Фирдавс Назримад муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 424**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Назирӣ Г. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Назирӣ Гулбаҳор Назир муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 425**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шарифзода Фируз Ҳомиддин муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 426**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода А. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Салимзода Алиҷон Абдуҷалол муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 427**

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ МУОСИРИ ТОҶИКОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ҳукумат ҳадафашро бар асоси аз якдигар гузашт кардан, бахшидани гуноҳҳо, дур андохтани кинаҳо, ба ҳам созиш кардан, ба сулҳу оштӣ расидан муайян кард ва ҷомеаро ба сӯи он ҳидоят намуд. Ин суннатҳои воло ва безавол асрҳо инҷониб дар ниҳоди халқи мо ҷойгузин гардида, ба ҳиссае аз ҳастии он табдил ёфтааст.

Ниҳоят, 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва аз файзу баракати он насими анбарафшони баҳорӣ ба рӯи мамлакат вазид. Пайки сулҳи тоҷикон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар арсаи олам танин андохт, мавриди истиқболи гарми ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт, боиси фахру сарафрозии миллати тоҷик гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус чунин гуфтаанд: «Қадру манзалати санади сулҳи мо баробар бо Эъломияи истиқлолияти мост. Агар яке барои мо мустақилият оварда бошад, дигаре дар сарзамини азиятдидаи мо сулҳу субот ва ваҳдати миллиро армуғон овард. Созишномаи сулҳи миёни тоҷикон дар обу хоки ин сарзамини ҷафокашида сабзидаву қомат барафрохтааст. Сулҳи бадастовардаи мо дар таҷрибаи давлатдории кишварҳои Шарқу Ғарб бо ҷанбаҳои хосаш ҳамто надорад. Созишномаи сулҳ барои сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу некхоҳи мамлакат дер боз интизор буд».

Созмони Милали Муттаҳид бо ризоятмандӣ таъкид намуд: «Тоҷикон созишномаи сулҳро дар паси сангарҳо тарҳрезӣ кардаанд. Арзиши сулҳи миёни тоҷикон беназир аст. Вай дар роҳи пойдории сулҳи сартосарии ҷаҳон намунаи дурахшони ибрат аст».

Ваҳдати миллӣ, ки дар партави Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба даст омад, рамзи тантанаи ақлу хиради миллати тоҷик, самараи ҳамдигарфаҳмӣ ва саъю талоши ҳамагонӣ дар роҳи пойдории сулҳу субот ва якпорчагии кишвар гардид.

Бояд зикр намоем, ки мафҳумҳои истиқлолият ва ваҳдат ягонаанд, яке дигареро комилтар мегардонад ва чун гӯшту нохун ба ҳам пайванданд. Ваҳдати миллии бадастомада пояҳои истиқлолияти давлати ҷавони Тоҷикистонро устувор гардонид.

Бузургтарин дастовард дар тӯли 31 соли истиқлолияти давлатӣ барқарор кардани сулҳу суботи комил, ваҳдату пойдории миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни ҳама табақаи ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром аст. Он рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ, нишонаи пойдориву бақои он мебошад, зеро дар дунёи пуртазоди муосир миллате соҳиби ному манзалат шуда метавонад, ки истиқлолияти воқеӣ ва давлати озоду мустақил дошта бошад. Мо бояд аз он шукргузорӣ намоем, ки миллати бузурги тоҷик соҳиби давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона аст.

Тоҷикистон бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустин бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ҳадафи асосӣ қарор дода, дар арсаи байналхалқӣ низ ҷойгоҳи сазовор пайдо намуд. Ислоҳоти фарогир дар ҳама соҳаҳо шурӯъ гардид. Дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои демократӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фосилаи хеле кӯтоҳи таърихӣ корҳои назаррас ба анҷом расиданд.

Пас аз ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ, ҷомеа ба марҳилаи нави рушд қадам бардошт, ки он бо номи давраи созандагию бунёдкорӣ ёд мешавад. Чунки Тоҷикистон марҳилаи ҳассосу сарнавиштсозро паси сар намуда, ба ҷодаи устувори рушду созандагӣ ворид гардид. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистем кишварамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо бахшем. Дар ин давра барои берун баромадан аз буҳрони иқтисодӣ барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати иқтисодӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки натиҷаҳои хуб ба бор оварданд.

Инчунин, дар баробари бунёди иншооти муҳим, масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар, хоса қишри камбизоати он ҳамеша дар мадди назари Давлат ва Ҳукумат қарор дорад. Бахусус, қабули ҳуҷҷати муҳими давлатӣ оид ба стратегияи коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва татбиқи фарогири он имкон фароҳам овард, ки сатҳи зиндагии мардум дар муқоиса бо давраҳои аввали истиқлолияти давлатӣ хеле беҳтар гардад.

Муҳимтар аз ҳама, ба он ноил гардидем, ки арзишҳои миллию фарҳангии дар замони шӯравӣ ба гӯшаи фаромӯшрафта, дар ҳоли маҳвшавӣ қарордоштаро эҳё намоем. Бо талошу кӯшишҳои Президенти мамлакат тавонистем, ки тоҷиконро ба ҷаҳониён чун миллати бофарҳангу соҳибтамаддун муаррифӣ созем. Чандин ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат дар соҳаи обу амнияти минтақа ва гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуданд.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ дар кишвар гуногунандешиву озодбаёнӣ вусъат пайдо намуд. Аҳзоби сиёсӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Бо истифода аз имкониятҳои баёни озодонаи ақидаву назарҳо мардум масъалаҳои муҳими сиёсию иҷтимоиро дар миён мегузоштанд. Дар замони шӯравӣ, воқеан ҳам, нисбат ба арҷгузории арзишҳои миллӣ маҳдудиятҳо мавҷуд буданд.

Ташаббусҳои хирадмандонаву дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди музокироти сулҳ, барқарор намудани низоми конститутсионӣ, баргардонидани гурезаҳо, қатъи ҷангу хунрезӣ, бунёди артишу дигар сохторҳои қудративу интизомӣ, оғоз намудани ислоҳоти конститутсионӣ, барқарор сохтани сохторҳои ҳама шаҳру ноҳия, вилоят, халъи силоҳ намудани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ, бо озуқа ва маҳсулоти мавриди ниёзи аввал таъмин кардани мардум эътимоду бовариро ба амнияти ҷомеа ва фардои орому осуда қавӣ гардонд.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷузъи ҳақиқати зиндагии ҳамагонии мост, мо на ҳамеша бар ин нуқта фикр мекунем, ки агар кор ба тарзи дигар сурат мегирифт, яъне агар душманони миллати мо – онҳое, ки мехостанд мамлакатро пора-пора карда, аз сафҳаи харитаи ҷаҳон номашро зудоянд, ба мақсади нопоки худ мерасиданд, аҳволи мо чӣ мешуд? Истиқлолият дар назди шаҳрвандон масъулияти нигаҳбонии давлат, дарки эҳсоси соҳиби комилҳуқуқи он будан ва дар амри пешбурди давлатдорӣ саҳми шоиста гузоштан мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ сатҳи худшиносӣ, асолати ватандорӣ, ифтихори миллӣ, маърифати ҳуқуқию сиёсии шаҳрвандон ба маротиб боло рафт.

Барои миллати тоҷик дар охирин даҳаи асри XX, ки он вақт Тоҷикистон қадамҳои нахустинашро дар ҷодаи соҳибистиқлолӣ мегузошт ва бо хатари нобудшавии давлат ва миллат рӯ ба рӯ омад, ниёз ба чунин шахсияти наҷотбахш ва тавоно ба миён омад. Ҳазорон шукр, ки аз миёни фарзандони миллати куҳанбунёд чунин шахс пайдо шуд ва ин шахс муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Агар шуҷоату мардонагӣ ва ҷуръати сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намебуд, аз даст додани истиқлолияти давлатӣ амри воқеӣ буд.

Хидмати бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди миллати шарифи Тоҷикистон ва таърихи миллат дар он аст, ки ин шахси нодир ва сиёсатмадори дурандеш дар шароити печида ва мураккаби муноқишаҳои ҳамватанӣ ва ҷанги таҳмилӣ давлатдории тоҷикон ва бақои давлатро аз парешонӣ ва фано шудан ҳифз намуданд. Аз ин рӯ, бо итминони комил метавон гуфт, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ҳастанд. Маҳз шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари фитнаи душманони миллати тоҷик, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ халқро борҳо ба гирдоби хун кашида буданд, қодир ба истодагарӣ гардид. Ин дафъа бо хости сарнавишт дар раъси давлат шахсияте қарор гирифт, ки ғайриҷашмдошти бисёриҳо ҳадафҳои бадхоҳони миллатро барбод дод.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бидуни дудилагӣ, бо мардонагӣ ва бо шуҷоати фавқулода бар дӯш масъулияти вазнини хотима додан ба ҷанги бародаркушӣ, бунёди появу асосҳои конститутсионӣ ва эҳёи давлатдориро гирифтанд. Ин абармард ба хубӣ дарк карданд, ки дар он шароите, ки давлат фақат дар рӯи коғаз вуҷуд дошт ва дар асл рукнҳои давлатдорӣ корношояму фалаҷ шуда буданд ва ё умуман вуҷуд надоштанд, таърих ва сарнавишт барояшон рисолати бузург, вале ниҳоят душвори бунёд намудани давлати навинро гузоштааст.

Ҳоло рисолати ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, новобаста ба мансубияти миллӣ ва иҷтимоию мазҳабӣ, дар атрофи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шудан ва дастгирию дар амал татбиқ намудани сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи ин марди нексиришту ояндасоз аст.

**А. АЛАМШОЗОДА,**
**муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал - лейтенанти милитсия**

Ифшои мушкилот



# ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ БАЪЗЕ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ФАЪОЛИЯТИ ХУБ НАДОРАНД. ЧАРО?

**26 декабри соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид. Дар ин замина, 21 декабри соли 2021 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2022 – 2026 «Солҳои рушди соҳаи саноат» эълон гардид. Вобаста ба ин, аз вазъи кунунии корхонаҳои саноатии шаҳри Кӯлоб боздид намудем.**




### ДАР 4 СЕХ 16 КОРМАНД КОР МЕКУНАД

ҶСП «Комбинати шири Кӯлоб» аз солҳои 2009 ҳамчун корхонаи хусусӣ фаъолият дорад.

Азиз Сафаров, муовини сардори он ҳангоми суҳбат гуфт, ки айни замон дар корхона 16 корманд кор мекунад. Ҳоло чор сех фаъолият мекунаду маҳсулоти ширӣ, аз қабили қаймоқ, кефир, ҷурғот, истеҳсол мешавад. Дар фасли зимистон бештар маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол мекунанд. Солҳои аввали фаъолият дар корхона 50 - 60 корманд кор карда, ҳамзамон бо маоши хуб таъмин буданд. Ҳоло бо сабаби набудани маҳсулоти хом ва суст будани савдо 34 корманд фаъолият дорад, ки музди миёнаи маоши онҳо 600 сомониро ташкил медиҳад.

- Маҳсулоти корхона бештар ба мағозаву марказҳои савдои шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дастрас мешаванд. Мисли корхонаи зикршуда дар маркази шаҳри Кӯлоб шаш корхонаи хурд ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ машғуланд. Аз ин лиҳоз, корхона дар шаш моҳи аввали соли 2022 ба маблағи 272 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаасту халос.

### НОБИНОЁН ХИШТ МЕРЕЗАНД

Корхонаи таълимии истеҳсолии нобиноёни шаҳри Кӯлоб солҳои пеш фаъолияти хуб дошт. Ҳоло он ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта, биноҳояш кандаю фарсуда шуда, соҳибмулкон қисми дигарашро ба иҷора додаанд. Танҳо дар як қисмати он 6 нобино ба рехтани хишти сементӣ машғуланд. Юсуф Комилов, директори корхонаи мазкур гуфт, ки самти фаъолияти корхона, асосан бофтани гилем буд. Бинобар набудани ашёи хом ва харидор ба рехтани хишти сементӣ машғуланд. Ба ғайр аз ин, дар як қисмати корхона нуқтаи таъмири мошинҳо ва дар қисмати дигари он нуқтаи ҷамъоварии оҳанпора фаъол аст. Қаблан дар он 180 нафар бо маоши хуб таъмин буданд.

### ТО СОЛИ 2021 ФАЪОЛИЯТИ ХУБ ДОШТ, ВАЛЕ...

ҶДММ «Ҷалолӣ» дар шаҳри Кӯлоб ягона корхонаест, ки ба коркарди нефт машғул буда, соли 1993 таъсис ёфтааст. Директори он Бахтёр Ҷалолов зимни суҳбати телефонӣ гуфт, ки яке аз сабабҳои истеҳсол нагардидани маҳсулоти нефтӣ, аз ҷумла бензин, солярка ва мазут, набудани маҳсулоти хом мебошад. Тибқи нақша, корхона бояд дар як моҳ 36 тонна нефтро коркард менамуд.

- Фаъолияти хуб доштем. Мутаассифона, имрӯз ба корхонаи мо нефт дастрас намешавад. Чанд маротиба мактуб кардем. Дар моҳи июл танҳо 9 тонна нефт дастрас кардему халос. Маҷбур шудем, ки аз Федератсияи Россия автомашинаҳои махсусро барои истихроҷи нефт харидорӣ намоем. Ҳоло каме маҳсулоти хомро аз ноҳияи Балҷувон дастрас мекунем, - гуфт номбурда.




Айни замон дар ҶДММ «Ҷалолӣ» 20 корманд фаъолият дошта, дар ҳафт моҳи соли 2022 ба маблағи 543 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст.

### КОРХОНА ХУСУСӢ ГАРДИД, ФАЪОЛИЯТ СУСТ ШУД

ҶДММ «Комбинати хонасозӣ» ба истеҳсоли қуму шағал, хишти сементӣ, пояҳои бетонӣ (симчӯб), новаҳои бетонӣ ва болопӯши хона (плита) машғул аст. Корхона хусусӣ гардида, тибқи маълумоти Раёсати омори шаҳр, ҳоло дар он даҳ корманд фаъолият доранд. Пештар садҳо нафар фаъолият мекарданд. Мутаассифона, баъд аз хусусӣ гардидани он корхонаро ба чунин ҳол расонданд.

Тибқи маълумоти Нозироти андози шаҳри Кӯлоб, ҶДММ «Комбинати хонасозӣ» дар назди буҷет 358 ҳазору 692 сомонӣ қарзи андоз дорад. Фарҳод Мирзоев, роҳбари тиҷоратии Шабакаҳои барқи Кӯлоб гуфт, ки ҶДММ «Комбинати хонасозӣ» дар назди Шабакаҳои барқ низ 284 ҳазору 369 сомонӣ қарздор аст.

### РЕСАНДАҲО БЕ РЕСМОН МОНДАНД

ҶДММ «Ресандаи Кӯлоб» собиқ Фабрикаи ресандаи «Кӯлоб тексттайл» дар деҳаи Бахтобод (Чоқтемур)-и деҳоти «Зиракӣ» ҷойгир аст. Аз сабаби нарасидани ашёи хом фаъолият надорад. Дар ин корхона дар ду баст кор ҷӯш мезад. Соли гузашта, корхонаро ширкати хитойӣ ба иҷора гирифта, дар он то 50 сокини маҳаллӣ фаъолият мекарданд. Ҳоло ин корхона низ аз фаъолият бозмондааст. Тибқи маълумоти Нозироти андози шаҳри Кӯлоб, ҶДММ «Ресандаи Кӯлоб» ба маблағи беш аз 210 ҳазор сомонӣ аз андоз қарздор аст.

### ДАР КОРХОНА КАСЕ НЕСТ

Хостем бо роҳбари ҶДММ «Ориён Рустам» Амриддин Рустамов, ки самти фаъолият истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ аст, ҳамсуҳбат шавем. Мутаассифона, ӯро дар ҷои кор пайдо накардем ва ба зангҳои телефонӣ ҳам ҷавоб нагирифтем. Ғайр аз посбон дигар касеро дар корхона пайдо накардем.

Аз нозироти андози шаҳр иттилоъ гирифтем, ки ҶДММ «Ориён Рустам» 20 ҳазору 370 сомонӣ ва аз Шабакаҳои барқи Кӯлоб беш аз 600 ҳазор сомонӣ қарздор мебошад.

- Дар маҷмӯъ, 36 корхонаи саноатӣ аз Шабакаҳои барқи Кӯлоб 1 миллиону 812 ҳазору 114 сомонӣ қарздоранд, - гуфт роҳбари тиҷоратии Шабакаҳои барқи Кӯлоб Фарҳод Мирзоев.

Бино ба гуфти сармутахассиси Раёсати омори шаҳри Кӯлоб Заррина Хушвахтова, шаҳр дорои 52 адад корхонаи хурду бузурги саноатӣ аст, ки дар ин давра се ададаш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам маҳсулот истеҳсол карданд ва 5 - тои он - ҶДММ «Умед - 2012», ҶДММ «Кабк Н», ҶДММ «Амон - 1», ҶДММ «Маъфар» ва КВД «Зари Кӯлоб» аз фаъолият бозмондаанд.

Дар шаҳри Кӯлоб барои рушди соҳаи саноат ва таъсиси ҷойҳои нави кор соҳибкорон ҳамеша дастгирӣ карда мешаванд. Саволи матраҳ ин аст, ки чаро соҳибкорон бепарвоӣ зоҳир намуда, фаъолиятро дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ намекунанд?

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Ифтихор аз соҳибватанӣ

# ИСТИҚЛОЛИЯТ - ЗАМИНАИ СОҲИБДАВЛАТӢ ВА КАФОЛАТИ ВАТАНДОРӢ

**Дар равиши ҳастии миллатҳо баъзе рӯйдодҳои арзишманду таҳаввулотофар ба амал меоянд, ки аз нигоҳи муҳимият беназир буда, аҳамияти барҷастаи таърихӣ доранд. Аз ҷумлаи чунин рӯйдодҳои сарнавиштсоз, ки дар китоби мавҷудияти пурифтихор ва қаҳрамононаи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин ҳаккокӣ шудааст, эълони Истиқлолияти давлатӣ ба шумор меравад.**



Поягузори рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, эҷод ва ташаккули низоми миллии қонунгузорӣ, барномарезиҳои муваффақонаи иқтисодӣ, таъмини рушди устувор, ислоҳоти доманадори бахши кишоварзӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ, ноил шудан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият - расидан ба сулҳу субот ва истиқрори сулҳу ризояти миллӣ дастовардҳои даврони истиқлолияти давлатӣ мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид намуданд: «Истиқлол ва соҳибихтиёрӣ дар назди мо шаҳрвандони Тоҷикистон вазифаи басо пурифтихори таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба орзуву ормон ва манфиатҳои мардуми кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро гузошт. Истиқлоли мо калиди соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду соҳибфарҳанги тоҷик аст, ки тақдирашро ба дасти худ гирифта, бо роҳу равиши хоси хеш ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайвастааст ва ҳамеша мекӯшад, ки набзи давлату давлатдории худро бо набзи сайёра ҳамоҳангу ҳамсадо намояд».

Ба касе пӯшида нест, ки эълони истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик то андозае ба осонӣ муяссар гардид, лек ҳифзу тақвият ва тавсеаи он самараи сарварии иродатмандона, азми қавӣ, нияти нек ва шуҷоати беназири Пешвои миллат аст. Тадриҷан баъзе саҳифаҳои пӯшидаи иқдомоти неруҳои бадхоҳи хориҷӣ ва дастнишондеҳони дохилии онҳо ошкор шуда истодааст, ки бар зидди миллати тоҷик ва истиқлолияти давлатӣ чӣ гуна тарҳҳои бадқасдона доштанд.

Давлати ҷавону тозаистиқлоли мо дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба сари мардуми мо таҳмил гардид, талафоти зиёд дод ва хушбахтона, бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон неруи дубора пайдо карда, барои раҳоӣ аз вартаи нобудӣ талош карда, ба рӯзи мурод расид.

Барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, дар шароите ки ҳанӯз оташи ҷанги шаҳрвандӣ доман паҳн мекард, роҳбарияти ҳокимияти тозаинтихоб ба эҷоди пояҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои қонунии истиқлолияти давлатӣ иқдом намуд.

Ҳамин тавр, пас аз як соли эълони истиқлолияти давлатӣ мо соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардида, баъд аз чор соли соҳибистиқлолӣ аввалин Конститутсияи кишвари соҳибихтиёрамонро аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудем.

Агар дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сохти давлатдорӣ, бунёди ҷомеаи озод, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян гардида бошад, бо қабули Конститутсия баҳри ташаккули низоми нави қонунгузории мамлакати соҳибистиқлоламон замина фароҳам гардид, ки он ҳама самараи талошу ҷонфидоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Домони файзу баракати истиқлолияти давлатӣ хеле фарох аст, ки дар маҷмӯъ бо дастовардҳои ин неъмати гаронарзиш ва сарвати муқаддаси миллӣ ҳосилшуда тавъам мебошад. Бо вуҷуди ин, фатҳи зинаҳои навбатӣ, муваффақ шудан ба дастовардҳои тоза дар марҳилаҳои минбаъда, ки аз «Стратегияи рушди миллӣ то соли 2030» бармеоянд, моро дар пешанд. Ҳама зодагони ин сарзамин ва соҳибони ин Ватан вазифадорем, ки дар сарсабзию шукуфоии Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошем. Моро лозим аст, ки қабл аз ҳама, дарки дурусти моҳият ва мақоми истиқлолияти давлатиро дар зеҳну шуур, ҷаҳонбинӣ ва тафаккурамон ҷой дода, шинохти аслии истиқлолиятро дар ниҳодамон тақвияту такмил диҳем. Ҳисси миллӣ, масъулият дар назди имрӯзиёну фардоиён бояд сармашқи корамон бошад.

Истиқлолияти давлатӣ дар ҷараёни таҳаввулот ҳамчун фасли тозаи сарнавишт, ибтидои марҳилаи сифатан нави тараққиёт ва айёми шукуфоӣ ҳамеша ҳувайдо аст.

Маъниву ғояи истиқлолият мебояд дар тасмимгирӣ, ташаббускорӣ, саҳмгузорӣ ва фаъолмандии ҳама бардавом ифода ёбад. Дар қолаби навҷӯӣ ва созандагӣ зоҳир шудани муҳаббат ба ин Ватани нозанин ва посдории арзишҳои истиқлолияти давлатӣ далолати покии андеша ва комил будани шахсияти инсонӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки муттаҳидӣ дар пояи парчами истиқлол ва озодӣ тақозои дилхоҳ давр ва ниёзи ҳама гуна замон буда, ҳамеша айни муддао ва доимо муҳиму сариваќтист.

Бузургтарин дастовардҳои замони истиқлолияти давлатиро танҳо донистан кофӣ нест, балки шукрона бояд карду қадршинос буд. Зеро муҳиту арзишҳои марбут ба истиқлолияти давлатӣ масъулияти ватандорӣ ва рисолати шаҳрвандиро тақозо доранд.

**Суҳроб РУШАНЗОДА,**
**раиси Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

# «КАРОН КАЛСИД» ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТРО ВАСЕЪ МЕКУНАД

**Корхонаи «Карон калсид», воқеъ дар мавзеи Вишхарви ноҳияи Дарвоз, барои ширкатҳои сохтмонии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Ҳисор маҳсулот - хокаи санги мармар истеҳсол менамояд.**



Ин корхона ду сол муқаддам бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор дода шуд.

Сарвари он Кишвар Кабиров гуфт, ки соли нахустини мавриди истифода қарор гирифтан бинобар норасоии мутахассисон, дар он коргарон аз шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд кор мекарданд. Онҳо усулҳои корро ба ҷавонони таҳҷоӣ омӯзониданд. Имрӯз дар корхона 20 сокини маҳаллӣ фаъолияти пурсамар дошта, бо маоши хуб таъминанд.

Корхона дар як шабонарӯз 10 тонна ва дар як моҳ 300 тонна маҳсулот истеҳсол менамояд.

- Бо таъмини техникаи муосир ва ҷалби мутахассисони соҳибкасб мо ният дорем, ки истеҳсолотро дар корхона афзоиш дода, содироти маҳсулотро ба хориҷи кишвар низ ба роҳ монем, - афзуд Кишвар Кабиров.

**Пайшанбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**«Саломатӣ барои инсон сарвати бебаҳост ва ҳифзу нигаҳбонии он масъулияти хеле бузургест, ки ин вазифа дар навбати аввал ба дӯши шумо - табибон вогузор шудааст. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон бо назардошти аҳамияти бузурги ҳифзи саломатии мардум ва вусъатбахшии раванди ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, инчунин бозсозиву бунёди иншооту муассисаҳои нави тиббӣ ҳамаи тадбирҳои имконпазирро амалӣ карда истодааст».**

***(Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ифтитоҳи Маркази кардиологӣ дар вилояти Суғд, 23 июни соли 2009)***



# АЗ ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ СТОМАТОЛОГИЯ ТО МУШКИЛОТУ НАҚШАҲО

**Мусоҳибаи хабарнигори рӯзнома бо директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй», номзади илмҳои тиб Маҳмадулло Қосимов**

**- Стоматология дар низоми тандурустии мамлакат дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Дар доираи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои миллӣ таъмини рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, солимии ҷомеа ва фароҳам овардани шароити мусоид барои беҳтар гардидани зиндагии сокинони мамлакат пайгирона ҳаллу фасл гардида, Ҳукумати кишвар ба рушди соҳаи стоматология, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Таъсиси Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй», тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №699 аз 30 декабри соли 2010 яке аз дастовардҳои давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй яке аз самтҳои босуръат рушдкунандаи низоми тандурустии Тоҷикистон мебошад, ки солҳои охир мавқеи байналмилалиро касб намуда, бо дастгирии Ҳукумати кишвар ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, беҳтар намудани пойгоҳи моддию техникӣ ва таҳкими заминаи захиравии соҳа тадбирҳои зиёд андешида шудаанд. Ифтитоҳи шуъбаҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй, имплантологияи кӯдакон ва наврасон имконият доданд, ки дар самти анҷом додани хизматрасонии алоқаманд ба ворид намудани услуби муосири ташхис ва табобати нуқсон ва шаклдигаркунии устухони рӯй, нуқсони модарзодии лабу ком, муолиҷаи адентия бо имплантатҳои денталӣ, муолиҷаи аномалияҳои ҷоғу дандонҳо бо эйҷуайз-техника, артропластика бо эндопротезҳои титанӣ дар ҳолати анкилози буғумҳои чаккаю ҷоғу поён, тармими аномалияҳои рӯй бо истифодаи имплантатҳои контурӣ аз силикон, сохтани протезҳои фулузию керамикӣ ва термопластӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид гардад.

**- Сатҳи хизматрасонии тиббӣ аз маҳорату муомилаи табибон вобаста аст…**

- Баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии стоматологӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳ қарор дорад. Дар пажӯҳишгоҳ 112 воҳиди корӣ мавҷуд мебошад. Аз ин 94 воҳиди корӣ ба қисми клиникавӣ ва 18 воҳиди корӣ ба қисми илмӣ тааллуқ дорад. Боиси ифтихор аст, ки дар муассиса мутахассисони варзидаи соҳаи стоматология - як доктори илмҳои тиб, профессор ва 10 номзади илмҳои тиб ташкил дода, ҳамчунин, 59 табиб, аз ҷумла 20 табиби дараҷаи олӣ, 10 табиби дараҷаи якум, 4 табиби дараҷаи дуюм ва 20 мутахассиси ҷавон фаъолият менамоянд.

Яке аз роҳҳои самарабахши пешгирии бемориҳои стоматологӣ ба роҳ мондани корҳои иттилоотӣ мебошад. Мусаллам аст, ки пешгирии беморӣ аз табобати он осонтар ва арзонтар аст. Агар 10 фоизи табобати бемориҳои стоматологӣ аз табибон вобаста бошад, пас 90 фоизи он аз худи бемор вобастагӣ дорад. Бо мақсади беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии стоматологӣ дар пажӯҳишгоҳ нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуда, мунтазам корҳои иттилоотӣ, аз ҷумла дар бобати сари вақт, дар як сол, на кам аз ду маротиба аз муоинаи табибони стоматолог гузаштани шаҳрвандон, зарурати истифодаи хамираи дандоншӯӣ ва мисвок дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, риояи гигиенаи (беҳдоштӣ) ковокии даҳон, тоза кардани санги дандон, риояи қоидаҳои дурусти истеъмоли хӯрок, аз меъёр зиёд истеъмол накардани шириниҳо, дар ҳолати зарурӣ коркард намудани дандонҳо бо фторлак ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Инчунин, дар пажӯҳишгоҳ саволнома таҳия гардида, ба муроҷиаткунандагоне, ки ба муассиса ташриф меоранд, пешниҳод мешавад ва мониторинги баҳогузории онҳо дар пешбурди фаъолияти минбаъдаи муассиса ба назар гирифта мешавад.

**- Бемориҳои стоматологӣ ва ҷоғу рӯй афзоиш ёфтааст ё кам шудааст. Агар зиёд шуда бошад, омилҳояш чӣ аст?**

- Ба дастовардҳои имрӯзаи тиб нигоҳ накарда, наздик 80 дарсади аҳолӣ ба бемориҳои стоматологӣ, аз он ҷумла кариеси дандонҳо, пародонт ва оризаҳои он гирифторанд. Омилҳои гирифторшавӣ ба бемориҳои стоматологӣ гуногун буда, табобати оқилонаро талаб менамояд. Дар ҳолати риояи ғайриқаноатбахши гигиенаи дохили даҳон ва истеъмоли зиёди шириниҳо кариес метавонад баъд аз чанд моҳи баромадани дандон рушд кунад. Бемории кариес ирсӣ низ буда метавонад. Норасоии сафедаҳо, витаминҳо, намакҳои минералӣ, фтор ва микроэлементҳои гуногун дар ҷисм низ ба ин беморӣ сабаб мегарданд. Пажӯҳишҳои аз тарафи кафедраи стоматологияи кӯдаконаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, кафедраи ҷарроҳии ҷоғу рӯй ва стоматологияи кӯдаконаи Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии «Стоматология» дар солҳои охир нишон доданд, ки паҳншавии кариеси дандонҳои ширӣ дар байни кӯдакон дар ҷумҳурӣ 65-84 дарсад, бо шиддатнокӣ, паҳншавии кариеси дандонҳои доимӣ дар кӯдакону наврасони 12-15-сола - 42-69,4, бемориҳои пародонт дар ҳамин синну сол аз 38-58,5, аномалияҳои ҷоғу рӯй дар кӯдакони синни 5-6-сола - 25,1, дар кӯдакони синни 12-сола - 37,1 ва дар наврасони 15-сола - 34,1 дарсадро ташкил медиҳад.

Мувофиқи тадқиқоти илмӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои ИДМ, паҳншавии кариес хусусан дар байни наврасон камтар шуда, вале гирифторшавӣ ба бемориҳои илтиҳобии атрофи дандон бештар ба назар мерасад, ки аз гигиенаи ғайриқаноатбахши ковокии даҳон, риоя нагардидани истеъмоли хӯрок ва хусусиятҳои иқлимию минтақавӣ вобаста мебошад.

Айни замон пажӯҳишгоҳ дар ҳамкорӣ бо раёсатҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миллии пешгирии бемориҳои асосии стоматологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кӯдакон ва наврасон барои давраи солҳои 2022-2026» - ро таҳия намудааст, ки татбиқи он барои дар оянда паст кардани сатҳи бемории кариеси дандонҳо ва беҳтар намудани ҳолати пародонт дар байни сокинони Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**- Солҳои соҳибистиқлолӣ дар пажӯҳишгоҳ чӣ корҳо анҷом ёфтанд?**

- Имрӯз дар соҳаи стоматологияи кишвар технологияи ҳозиразамон, мавод, дастгоҳҳо ва таҷҳизоти муосир истифода бурда мешаванд. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ ба пажӯҳишгоҳ таҷҳизоти ҳозиразамони лабораторӣ барои гудохтани металлҳо ва сохтани ғилофакҳои фарфорӣ, маводи муосири ташхисӣ ва табобатӣ барои муолиҷаи дандонҳо - апекс локатор, хамираҳои бо нур сахтшаванда, маводи сафедкунии дандонҳо ва ғайра, дастгоҳи ташхиси рентгенӣ ортопантомограф, ортопантомографи рақамӣ, дастгоҳи портативии рентгенӣ, таҷҳизоти тиббии муосир барои тамизгардонии асбобҳои стоматологӣ - автоклав, асбобҳои ултрасадои барои тамизгардонии лавозимоти тиббӣ, асбоб барои тамизгардонии пармаҳои стоматологӣ, ки истеҳсоли Германия, Кореяи Ҷанубӣ, Италия, Бразилия ва Хитой мебошанд, ворид шуд. Ҳамчунин, бо мақсади назорат ва расонидани ёрии саривақтӣ ба беморони баъд аз беҳискунии умумӣ ҳуҷраи баъдиҷарроҳӣ бо ИВЛ, кардиомонитор, пулсоксиметр, аспиратор ва ғайра аз ҳисоби гранти Ҳукумати Япония таъмин мебошанд.

**- Барои рафъи камбудиҳо дар пажӯҳишгоҳ кадом тадқиқот анҷом ёфтааст?**

- Вазифаҳои асосии пажӯҳишгоҳ аз гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои муҳими соҳа, омӯзиш, таҳлил ва муайян намудани омилҳои муайянкунандаи гирифторшавӣ ба бемориҳои стоматологӣ миёни аҳолӣ, таҳия намудани барномаҳои миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ ва ба роҳ мондани корҳои ташкилию дастурӣ оид ба масъалаҳои стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй иборат мебошад.

Дар назди пажӯҳишгоҳ Шӯрои олимон амал менамояд, ки ҳайати он аз 19 нафар, аз ҷумла 5 доктори илмҳои тиб ва 14 номзади илмҳои тиб иборат аст. Шӯро самтҳои асосии фаъолияти илмии пажӯҳишгоҳ, лоиҳаҳои нақшаҳои корҳои илмии тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ, нашрияҳо, асарҳои илмӣ, ҷаласаҳои машваратӣ ва конференсияҳо, масъалаҳое, ки ба такмили сохтори пажӯҳишгоҳ махсубанд, ҳисоботи фаъолияти илмии мудирони шуъбаҳо, озмоишгоҳҳо, роҳбарони мавзӯъҳо ва кормандони илмӣ, мавзӯъҳои рисолаҳои номзадӣ ва доктории унвонҷӯёнро баррасӣ ва тасдиқ карда, оид ба онҳо тавсия медиҳад, инчунин дигар масъалаҳои алоқамандро тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар доираи ваколатҳо баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдор қабул менамоянд.

Инчунин, олимони пажӯҳишгоҳ дар татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии соҳаи тандурустӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин замина лоиҳаи «Вазъи стоматологии кӯдакон ва наврасони минтақаҳои гуногуни иқлимӣ - ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» тасдиқ шуд, ки аз аввали соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад.

**- Дар соҳаи стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй боз кадом масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд ва чӣ нақшаҳо доред?**

- Бояд қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳими соҳа норасоии мутахассисони соҳаи стоматология, аз ҷумла табиб-стоматолог-ҷарроҳ, имплантолог, табиб-стоматологи кӯдакона ва ортодонти соҳаи кӯдакон ва наврасон ва набудани пойгоҳи клиникии муосир дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ мебошад. Бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани малакаю маҳорати касбии мутахассисон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пажӯҳишгоҳ бо донишгоҳҳои тиббии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Беларус созишномаҳоро ба имзо расонид, ки дар ҳалли масъалаи мазкур мусоидат менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи касбии табибони стоматолог аз тарафи мутахассисони пажӯҳишгоҳ барномаҳои ихтисосгирии аввалия, такмили ихтисос барои табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ таҳия ва бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа гардид. Дар натиҷа, пажӯҳишгоҳ соҳиби Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ Т-ИФ № 0000302 (аз таърихи 3 феврали соли 2021 таҳти №145) шуд. Таъмин намудани муассисаҳои стоматологии шаҳру ноҳияҳо бо дастгоҳу маводи муосири ташхису табобатӣ, новобаста аз он ки базаи моддӣ - техникии аксари муассисаҳои стоматологии шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардида бошад ҳам, беҳбудиро талаб менамояд. Хурсандиовар аст, ки барои ҳалли ин мушкилот бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зиёд ба нақша гирифта шудааст.

Кормандони Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» ба дарки масъулияти баланди касбӣ, минбаъд низ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои ниҳоии барномаҳои миллӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташхис ва табобати бемориҳои стоматологӣ нақши созгор дошта бошанд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# ШИФОБАХШ БУДАН ФАЗИЛАТ АСТ,

## зеро ин касби пурмаҳсул аз шахс виҷдони поку қалби беолоишро тақозо менамояд



**Дари ҳуҷраи кории сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор Эмомалӣ Маҷидов нимроғ буд. Машварати субҳгоҳии ӯ бо муовинон, мудирони шуъбаҳо ва кормандони беморхона тақрибан бист дақиқа давом кард.**

Пушти дар сокинони аз деҳаҳои дуру наздикомада интизори қабул буданд.

Сартабиб ҳам ба машварат хотима бахшиду ба табибон бори дигар таъкид кард, ки ба беморон ва муроҷиаткунандагон ҳар чӣ бештар бо муомилаи хуш ёрии тиббӣ расонанд.

То анҷоми машварати кории сартабиб бо чанде аз беморон ҳамсуҳбат шудам.

Яке аз деҳаи баландкӯҳи Нилу, дуюмӣ аз деҳаи Чангоб (дараи Алмосӣ), сеюмин аз Туда, чорумин аз Чаманистон буданду ду мӯйсафед: «Мо аз деҳоти дурдасти «Ориён» ба назди духтур омадем», - гуфтанд. Маълум гардид, ки дар деҳаҳояшон бунгоҳҳои тиббӣ ва Маркази саломатии деҳот фаъолият дошта, бо маслиҳати духтурони деҳот ба марказ омадаанд.

Аз мӯйсафеди солхӯрдаи 75 - сола пурсидам, ки аз чӣ шикоят дорад? Бо табассум ҷавоб дод: - Пир шудам, қувват намондааст, баъзан ба назди сартабиб омада, маслиҳат мепурсам. Бисёр миннатдорам, ки чунин табиби ғамхор дорем ва ҳар вақте муроҷиат намоӣ, муомилаи хуб менамояд. Баъзе доруҳоро ройгон мерасонад.

Мӯйсафедони дигар низ ба суҳбат ҳамроҳ шуданд: Духтур ба мо ҳам борҳо кумак кард. Монанди мо дар деҳаҳои шаҳри Ҳисор мӯйсафедони солхӯрда бисёранд ва табибон ба мо ҳамеша кумак мерасонанд. Дар ҳаққашон шабу рӯз дуо мекунем.

Ҳамин дам сартабиб Эмомалӣ Маҷидов: «Бобоҷон, марҳамат, аввал шумо дароед», - гуфту ба назди дар омад. Ногоҳ садои модар, ки дар дасташ тифлаки тақрибан яксола буд, баланд шуд: -Духтурҷон, писарам, ки бо мадади шумо бистарӣ карда будем, шифо ёфт ва субҳи имрӯз ҷавоб доданд. Аз шумо ва кормандонатон хеле миннатдорем.

Фаъолияти кории сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор Эмомалӣ Маҷидов ҳар субҳ ана ҳамин тавр оғоз мегардад.

Дар ҳақиқат, имрӯз миёни табибон шахсоне ёфт мешаванд, ки ҳастиашонро барои расонидани ёрии аввалиндараҷа ба бемор мебахшанд.

Баҳри ҳифзи сиҳатии аҳолии шаҳри Ҳисор ва деҳоти он 93 муассисаи тандурустӣ, ки ҳашттои он муассисаи сохтори госпиталӣ, аз ҷумла Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор, Беморхонаи №1 (дар деҳоти ба номи Мирзо Ризо), Беморхонаи бемориҳои сироятӣ, Маркази ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил, Маркази пешгирии бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ, таваллудхонаҳои №1 ва №2, Беморхонаи минтақавии «Меҳргон» (дар деҳоти «Чангоб») мебошанд, фаъолияти пурмаҳсул доранд. Дар онҳо 115 табиб ва 508 ҳамшираи шафқат беморонро муолиҷа менамоянд.

Ҳамчунин, дар зертобеи муассисаҳои сохтори госпиталӣ марказҳои махсуси соҳавӣ ва назоратӣ, Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, Маркази иммунопрофилактикӣ, Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Шуъбаи маркази дизенфексияи профилактикӣ ва Дармонгоҳи дандонпизишкӣ амал мекунанд. Аз шумораи умумии табибоне, ки дар муассисаҳои тиббии шаҳри Ҳисор фаъолият менамоянд, ду нафар номзади илмҳои тиб, 44 нафар дорои тахассуси дараҷаи олӣ, 32 нафар дараҷаи якум ва 20 нафар дараҷаи дуюм мебошанд.

Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор дорои шуъбаҳои ҷарроҳӣ, таваллудхона, амрози занона ва оризаи ҳомиладорӣ, бемориҳои дарунӣ, шуъбаи кӯдакона, осебшиносӣ, асаб, гӯшу гулӯ ва бинӣ, наҷот ва эҳёгардонӣ, наркологӣ, нуқтаи осебшиносӣ, ёрии таъҷилӣ, машварати ташхиси дармонгоҳӣ, ҳуҷраи рентген ва физиотерапевтӣ, озмоишгоҳи клиникии биокимиёвӣ, озмоишгоҳи бактериологӣ ва шуъбаи қабул мебошад. Дар шаҳр чор таваллудхона фаъолият дорад, ки дар онҳо низ шароити зарурӣ муҳайё аст. Аз қайдҳои омории таваллудхонаҳо маълум шуд, ки таваллуд дар хона ҳамагӣ 2-3 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар се-чор соли охир дар шаҳри Ҳисор бемориҳои доманаю табларза камтар ба назар мерасад. Бемориҳои рӯдаю меъда танҳо дар фасли тобистон дар миёни кӯдакон бештар дида мешавад, ки он ҳам аксар маврид аз беаҳамиятии волидон сар мезанад.

Агар сарвар худ соҳиби дониши амиқи касбӣ бошад, барои пешрафти фаъолияти муассиса нақши муҳим мебозад ва дар ҳама кор пешравиро метавонад ноил гардад. Сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор Эмомалӣ Маҷидов ҳамчун табиби собиқадор, духтури ҷарроҳ, роҳбари чашмикордон на танҳо дар шаҳри Ҳисор, балки берун аз он низ шуҳрат дорад.

Зимни суҳбат ӯ гуфт, ки дар ду-се соли охир дар Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор навгонии зиёд ба вуқӯъ пайваст. Аксарияти шуъбаҳои муолиҷавӣ ва ташхисӣ бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шуда, ҳамаи шуъбаҳои беморхона ва марказҳои саломатию бунгоҳҳои тиббии деҳот таъмир шуданд.

- Дар ин давра дастгоҳи «Чекэксперт» барои таҳлили балғам, ФАЗА-5 додани нафаси сунъӣ барои навзодон ва кӯдакон, инчунин дастгоҳи махсуси озмоишии «Хелобактери», «Балғамкашаки барқӣ» барои тоза кардани роҳи нафас дастрас шуд. Озмоишгоҳи беморхонаи марказӣ таъмири асосӣ шуда, дар озмоишгоҳи биохимиявӣ навбатдории шабонарӯзиро таъмин кардем. Илова бар ин, соли гузашта шуъбаи қабул, таваллудхона, амрози занона ва оризаҳои ҳомиладорӣ, ҳуҷраҳои хуннигоҳдорӣ, дандонпизишкӣ, физиотерапевтӣ, автоклав, нуқтаи осебшиносӣ, таваллудхонаи №1 ва ошхонаи беморхона пурра таъмир шуданд,- афзуд номбурда.

Дар раванди суҳбат маълум гардид, ки соли равон сехи оксигенбарорӣ ба истифода дода шуда, сохтмони Маркази пешгирии бемориҳои пӯст ва зӯҳравӣ, Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО оғоз гардид. Ҳамчунин, ба Беморхонаи марказӣ мошини «Ёрии таъҷилӣ»-и дорои таҷҳизоти ёрии аввалин дастрас гардидааст.

Дар назди Маркази саломатии шаҳрӣ дорухонаи давлатӣ фаъолият дорад, ки бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор шахсони имтиёздор, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони гурӯҳҳои якум ва дуюм, беморони диққи нафас, бемории диабети қанд, бемории саратонӣ бо доруворӣ таъмин мешаванд, - гуфт ӯ.

Хулоса ин аст, ки роҳбарияти беморхонаи мавриди назар дар иҷрои рисолат комёб ва собитқадам мебошанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# СИМФОНИЯИ НОТАМОМИ БЕТХОВЕН ПУРРА ГАРДИД

**Кайҳост, ки алгоритмҳо равандҳои истеҳсолиро идора намуда, ба зиндагии ҳаррӯза низ роҳ пайдо менамоянд. Ҳоло зеҳни сунъӣ дар соҳаи эҷоду офариниш низ ҷои одамонро танг карданист. Аллакай компютерҳо чандин асарҳои нотамоми оҳангсозони машҳур Густав Малер ва Франс Шубертро такмил додаанд ва навбат ба симфонияи даҳуми нотамоми Людвиг ван Бетховен расидааст.**

Иҷрои нахустини шакли пурраи асари оҳангсози олмонӣ, ки тавассути технологияҳои зеҳни сунъӣ мукаммал гардидааст, танҳо пас аз 195 соли марг дар зодгоҳаш - шаҳри Бонн имконпазир гардид.

Симфонияи даҳум бо сабаби марги оҳангсоз (соли 827) нотамом –дар шакли чанд пораи пароканда ва сиёҳнависҳо боқӣ монда буд. Гурӯҳи барномасозон ва мусиқишиносон дар заминаи ҳамин пораҳо барномае таҳия намуданд, ки тавассути он компютер пас аз омӯзиши асарҳо ва сабки эҷоди Бетховен онҳоро ба ҳам пайваста, симфонияи даҳумро мукаммал сохт. Маттиас Рёдер, директори Институти Караян дар Залтсбург ва сарвари лоиҳаи байналмилалии такмили симфонияи даҳуми Людвиг ван Бетховен тавассути зеҳни сунъӣ мегӯяд, ки пораҳо дар лаҳзаҳои ҷудогонаи илҳом ва аз андешаҳои тоза ба вуҷуд омада, оҳангсоз онҳоро гоҳе бо сухан ва гоҳе бо нотаҳо ифода намудааст.

Симфонияи такмилёфтаи №10 уми-бемол мажор, ки моҳи октябри соли 2021 оркестри ба номи Бетховени шаҳри Бонн таҳти роҳбарии дирижёр Дарк Кафтан пешкаши ҳаводорони мусиқии оҳангсоз намуд, намунаи беҳтарини шакли такмилёфтаи асар аст.

Ташаббускорони лоиҳа изҳор менамоянд, ки ин амал ҳаргиз шак овардан ба истеъдоди беназири оҳангсоз набуда, балки танҳо санҷиши имкониятҳои технологияҳои зеҳни сунъӣ ва ҳамкории инсон бо онҳост. Беҳуда нест, ки дирижёри консерт пас аз анҷоми он гуфтааст: «Агар мухтасар бигӯем: «Ин Бетховен нест!»

Бо вуҷуди ин таъкид мегардад, ки мутахассисон ва таҷҳизоти компютерӣ асареро ба вуҷуд овардаанд, ки метавонад, воқеан, офаридаи Бетховен бошад.

- Оре, компютер алгоритмҳоро истифода мебарад. Лекин инсон ҳам ба таҷрибаи шахсӣ ва донишу маҳорати азбаркардааш такя менамояд. Ин технологияҳо ва одамон аз ҳам дур нестанд. Тавре таҷриба нишон дод, онҳо ҳамдигарро хеле хуб пурра месозанд, - менависад мусиқишинос Роберт Левин.

Сарвари лоиҳа Маттиас Рёдер бошад, таъкид менамояд, ки имкониятҳои технологияҳои зеҳни сунъӣ беҳудуданд.

**Таҳияи Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**



# АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ АГЕНТӢ**

1. Сармутахассиси шуъбаи муҳосибот ва баҳисобгирӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1577 сомонӣ
2. Мутахассиси пешбари шуъбаи матбуот ва робита бо ҷомеа - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1286,50 сомонӣ
3. Мутахассиси пешбари шуъбаи технологияҳои иттилоотонӣ ва коммуникатсионӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1286,50 сомонӣ
4. Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1286,50 сомонӣ
5. Мутахассиси маркази ташхиси маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 2 ҷой, маоши мансабӣ -1062,40 сомонӣ
6. Мутахассиси шуъбаи технологияҳои иттилоотонӣ ва коммуникатсионӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1062,40 сомонӣ

**МАРКАЗИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

1. Сармутахассиси шуъбаи умумӣ ва назорат - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ
2. Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ
3. Мутахассиси шуъбаи муҳосибот ва баҳисобгирӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ
4. Мутахассиси нозироти савдо - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1012,60 сомонӣ
5. Мутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар маҷмааи агросаноатӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ
6. Мутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар саноати вазнин - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ
7. Сармутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ оид ба ҳолат ва истифодабарии воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ
8. Мутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ оид ба риояи талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ дар саноати сабук- 1 ҷой, маоши мансабӣ -1012,60 сомонӣ
9. Мутахассиси шуъбаи санҷиш ва андозагирии воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ
10. Мутахассиси шуъбаи озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ
11. Мутахассиси пешбари бахши озмоишгоҳи маҳсулоти сохтмонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ
12. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи маҳсулоти нефтӣ- 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ
13. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи нуриҳои минералӣ ва кимиёвӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1012,60 сомонӣ

**РАЁСАТИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ**

1. Сардори шуъбаи назорати давлатӣ оид ба ҳолат ва истифодабарии воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1914,65 сомонӣ
2. Мудири бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1572 сомонӣ
3. Сармутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1427,60 сомонӣ
4. Мутахассиси пешбари шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1170,30 сомонӣ
5. Мутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ
6. Мутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ оид ба ҳолат ва истифодабарии воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ
7. Мутахассиси шуъбаи сертификатсияи молу маҳсулот (равзанаи ягона) - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ НОҲИЯИ ШАҲРИТУС**

1. Сардори шуъбаи нозироти савдо - 1ҷой, маоши мансабӣ - 1735,85 сомонӣ
2. Сардори шуъбаи муҳосибот ва банақшагирӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1735,85 сомонӣ
3. Мудири бахши озмоишгоҳи санҷиши маҳсулоти нефтӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1422,95 сомонӣ
4. Мутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 871,50 сомонӣ
5. Мутахассиси шуъбаи муҳосибот ва банақшагирӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 871,50 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА**

1. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 871,50 сомонӣ

**МАРКАЗИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

1. Сармутахассиси шуъбаи муҳосибот ва баҳисобгирӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1427,60 сомонӣ
2. Сармутахассиси шуъбаи умумӣ ва назорат - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1427,60 сомонӣ
3. Сармутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 2 ҷой, маоши мансабӣ - 1427,60 сомонӣ
4. Мутахассиси пешбари шуъбаи санҷиш ва андозагирии воситаҳои ченак- 1 ҷой, маоши мансабӣ -1170,30 сомонӣ
5. Мутахассиси пешбари бахши ҷорӣ намудани низоми идоракунии сифат - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1170,30 сомонӣ
6. Мутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ
7. Мутахассиси шуъбаи сертификатсияи молу маҳсулот - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ
8. Мутахассиси шуъбаи нозироти савдо - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ
9. Мутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ
10. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи пойафзол - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 962,80 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН**

1. Мудири бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1376,40 сомонӣ
2. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913,20 сомонӣ
3. Мутахассиси шуъбаи сертификатсияи молу маҳсулот - 3 ҷой, маоши мансабӣ - 913,20 сомонӣ
4. Мутахассиси шуъбаи нозироти савдо - 2 ҷой, маоши мансабӣ - 913,20 сомонӣ
5. Мутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913,20 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ ШАҲРИ ИСФАРА**

1. Сардори шуъбаи назорати давлатӣ ва санҷиши воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1914,65 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ НОҲИЯИ ЛАХШ**

1. Сармутахассиси бахши санҷиши мутобиқати воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1294,80 сомонӣ
2. Мутахассиси пешбари бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ НОҲИЯИ РАШТ**

1. Сармутахассиси бахши санҷиши воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1294,80 сомонӣ
2. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 871,50 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ ШАҲРИ ВАҲДАТ**

1. Мудири бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1497,45 сомонӣ
2. Мутахассиси пешбари бахши бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ
3. Мутахассиси бахши сертификатсия дар истеҳсолот ва бозори дохилӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ
4. Мутахассиси бахши бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ
5. Мутахассиси бахши озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ
6. Мутахассиси назорати давлатӣ ва санҷиши воситаҳои ченак - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ
7. Мутахассиси бахши шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 2 ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ

**МАРКАЗИ ТАШХИСИИ МИНТАҚАВИИ ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА**

1. Сардори шуъбаи озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроквории ва кишоварзӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1825,25 сомонӣ
2. Мутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ
3. Мутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ ва санҷиши воситаҳои ченак - як ҷой, маоши мансабӣ - 913 сомонӣ.

**ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ИШҒОЛКУНАНДАГОНИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ**

**Талаботи тахассусӣ барои мансаби сардори шуъба:**

- маълумоти олии ба мансаби мазкур мувофиқ, малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- чор сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
- малакаи кор бо компютер, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word, Power point, Excel);
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медароранд;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- барои донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дода мешавад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мудири бахш:**

- маълумоти олии ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури хизмати давлатиро таъмин карда тавонад;
- се сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
- малакаи кор бо компютер, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word. Excel);
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медароранд;
-малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- барои донистани забони хориҷӣ афзалият дода мешавад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассис:**

- маълумоти олии ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури хизмати давлатиро таъмин карда тавонад;
- ду сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
-малакаи кор бо компютер, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word. Excel);
-донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медароранд;
-малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- барои донистани забони хориҷӣ афзалият дода мешавад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбар:**

- маълумоти олии ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури хизмати давлатиро таъмин карда тавонад;
- як сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
-малакаи кор бо компютер, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word. Excel);
-донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медароранд;
-малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- барои донистани забони хориҷӣ афзалият дода мешавад.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассис:**

- маълумоти олӣ ё миёнаи касбӣ ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури хизмати давлатиро таъмин карда тавонад;
-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
-малакаи кор бо компютер, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word. Excel);
-донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медароранд;
-малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- барои донистани забони хориҷӣ афзалият дода мешавад.

**ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРИИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳномаи РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи шиноснома;
-нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома аз маркази иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҳуҷҷатҳо дар мӯҳлати 21 рӯз - баъди чопи аввалини эълон дар воситаҳои ахбори омма қабул карда мешаванд.**

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, Агентии «Тоҷикстандарт», тел: (+992 37) 233 65 96, факс: (+992 37) 233 44 99, сайти интернетӣ: www.standard.tj , E-mail: info@standard.tj,**

**шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Темурмалик, микроноҳияи 7, бинои 7, Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Суғд, тел: (10-9923422) 5-88-08, факс: 5-86-00, e-mail: sugdstandart@mail.ru, sugd@standard.tj,**

**шаҳри Бохтар, хиёбони Ваҳдат 23, Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Хатлон, тел: (83222) 2-83-16, 3-61-71 факс: (83222) 2-83-16, e-mail: hatlonstandart@mail.ru,**

**шаҳри Кӯлоб, хиёбони Исмоили Сомонӣ 42, Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои минтақаи Кӯлоб, тел: (3322) 2-41-92, 3-41-92 факс: (3322) 3-41-93, e-mail: kulobstandart@mail.ru**

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннему развитию детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на отбор по следующим позициям:**

**1. Местный консультант по разработке руководящих принципов для создания и функционирования существующих и альтернативных моделей дошкольного образования, а также для обзора и пересмотра ДС и учебных программ ЦРОД, оборудования и УММ (первый местный консультант, работа которой направлено с акцентом на модели)**

Целью задания является поддержка МОН, МинФин и ГРП в пересмотре функционирования моделей дошкольного образования в Таджикистане и руководство пересмотром пакета дошкольных программ.

• Не менее 5 лет профессионального опыта в области образования и развития детей младшего возраста (РРД);

• Уверенное знание существующих моделей дошкольного образования, их сильных и слабых сторон, подтвержденное участием в обзоре/оценке моделей и подготовкой аналитического отчета в этой области. Опыт работы в этой области (обзор/оценка моделей) в рамках проектов, поддерживаемых донорами, является преимуществом.

• Опыт в рассмотрении и разработке образовательных планов, учебных программ и учебно-методических материалов; опыт работы в этой области в рамках проектов, поддерживаемых донорами, является преимуществом.

• Опыт составления проектов нормативных актов;

• Хорошее владение русского и таджикского языков обязательно.

**Для ознокомления с техническим заданием пройдите по ссылке ниже:**

https://docs.google.com/document/d/1Q4YtOEK3SpXvtvWVxMp9VA3X_v55A6nx/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true

**2. Местный консультант по разработке руководящих принципов для создания и функционирования существующих и альтернативных моделей дошкольного образования, а также для обзора и пересмотра ДС и учебных программ ЦРОД, оборудования и УММ (второй, с акцентом на учебные программы и тренинги)**

Целью задания является поддержка МОН, МинФин и ГРП в пересмотре функционирования моделей дошкольного образования в Таджикистане и руководство пересмотром пакета дошкольных программ.

• Не менее 5 лет профессионального опыта в области образования и развития детей младшего возраста (РРД);

• Большой опыт в рассмотрении и составлении дошкольных программ, моделей обучения, методических и учебных материалов в рамках операций, поддерживаемых донорами;

• Опыт проведения тренингов по дошкольным программам в рамках операций, поддерживаемых донорами;

• Опыт в разработке нормативных актов будет преимуществом;

• Хорошее знание русского и таджикского языков является преимуществом.

**Для ознокомления с техническим заданием пройдите по ссылке ниже:**

https://docs.google.com/document/d/1ZeeLKiY5JiPKKiqRAiLY_DxCahk2D2NC/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true

**Кандидату необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Директора проекта Маджиди Ю. Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов - 1 сентября 2022 г 15[00].

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе,
(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Тел: (37) 221-06-91.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0344986 бо РЯМ 3130005725-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон 3 майи соли 2010 ба Сафаров Ҳасан Эргашевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории № 0270675 бо РЯМ 0130143888-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2017 ба Хоркашов Раҷабалӣ Хакимович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи А № 971797-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1978 ба Давлатова Бибируқия Валиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патент бо РЯМ 075599575-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 2016 ба Азизов Хуршед Ҷумахонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон соли 2018 ба Нуров Рустам Ҳикматович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК № 0215392 таҳти қайди 1146-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон соли 2021 ба Халилова Маҳбуба Муродалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0430280749, РМА 045913750-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Рустамова Фотима додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе соли 1994 бо суроғаи кӯчаи Матросов, хонаи 31 «а» ба Тухтаев Ф. додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ № 025710-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1998 ба Хошокова Ситора Абдуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №4552-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Душанбе 5 сентябри соли 1977 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қизилнишон, хонаи 77 ба Абдуназарова Санобат додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи хатми аълои силсилаи ТТ№0040756-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Хуҷанд 20 июли соли 2001 ба Раҷабова Гулбаҳор Нормуҳамадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 16127-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 6 июли соли 2010 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Қизил Юлдуз ба Шарипов Собир додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 24203-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 18 декабри соли 2012 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Шодиев, хонаи 31 ба Хидирова Ашӯрбибӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0442973 бо РЯМ 3130037680-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон 17 марти соли 2020 ба Асоева Меҳринисо Хуснидиновна додааст, эътибор надорад.

**Аҳли қалами рӯзномаи «Садои мардум» аз даргузашти рӯзноманигор, драматург ва публитсисти шинохтаи тоҷик**

**НУРМУҲАММАД ТАБАРОВ**

**андуҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ менамоянд.**

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро, инчунин, метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 17 августи соли 2022, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров